Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 4 маи соли 1997
№ 181 тасдиқ шудааст

# ДАСТУРУЛАМАЛ

## оид ба муайян намудани арзиши объектҳое, ки хусусӣ гардонида мешаванд

(Қарори Ҳукумати ҶТ аз 16.05.1998 с. № 58)

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Дастуруламали мазкур мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи моликият", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хусусигардонии моликияти давлатӣ" ва дигар асноди қонунгузорӣ таҳия гардидааст (Қарори Ҳукумати ҶТ аз 16.05.1998 с. № 58).

2. Дастуруламали мазкур тартиби муайян кардани арзиши тамоми намудҳои амволи давлатиеро, ки хусусӣ гардонида мешаванд, мутобиқи конунгузории амалкунанда танзим менамояд.

3. Арзьёбии объекти хусусигардоние, ки бо ҳуқуқи хариди минбаъда ба мақсади иҷора дода мешавад, мувофиқи Дастуруламали мазкур дар санаи харидани он сурат мегирад.

4. Нархи ибтидоии объекти хусусигардони мутобиқи Дастуруламали мазкур муайян мегардад ва аз тарафи Кумитаи давлатии идораи амволи давлатӣ ё мақоми минтақавии он тасдиқ карда мешавад.

5. Ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин ё қисми муайяни он, ки объекти хусусигардонӣ дар он ҷой гирифтааст, якҷоя бо ҳуқуқи моликияти объекти хусусигардонӣ ба соҳиби объект мегузарад.

## II. АРЗЬЁБИИ КОМПЛЕКСҲОИ АМВОЛИ ВА АМВОЛ

### 1. Таркиби амволи давлатии арзьёбишаванда

6. Ба таркиби амволи давлатии арзьёбишаванда воситаҳои асосӣ ва дигар дороиҳои ғайримуомилотӣ, захира ва хароҷот, маблағҳо, ҳисоббаробаркуниҳо ва дигар дороиҳо дохил мешаванд.

Воситаҳои асосӣ ва дигар дороиҳои муомилотӣ:

а) воситаҳои асосӣ - биноҳо, иншоот, воситаҳои интиқол, дастгоҳ ва таҷҳизот, техникаи ҳисоббарор, дастгоҳҳо ва олоти андозагирию танзимкунанда, воситаҳои нақлиёт, абзор, асбобҳои истеҳсолӣ ва хоҷагӣ, чорвои корӣ ва маҳсулотдеҳ, дарахтзорҳои бисьёрсола ва дигар воситаҳои меҳнат;

б) сармоягузориҳои нотамом ва пешпардохтҳо, аз ҷумла арзиши сохтмони нотамом ва таҷҳизоти насбшаванда;

в) дороиҳои ғайримоддии дар баланс инъикосшуда - ҳуқуқ ба истифодаи замин, об, захираҳои табиӣ, биноҳо, иншоот, патентҳо, лицензияҳо ва дигар ҳуқуқҳои амволи (аз ҷумла ба моликияти ақлӣ), хароҷоти ташкилӣ, нишонҳои тиҷоратӣ, аломатҳои мол ва ғайра;

г) маблағгузориҳои дарозмӯҳлат (ба мӯҳлати зиёда аз 1 сол), аз ҷумла ҳиссаҳои корхонаҳо ба дороиҳои даромадноки (саҳмияҳо, вомбаргҳо ва дигар қоғазҳои арзишнок) дигар корхонаҳо ва вомбаргҳои ба дигар корхонаҳо додашуда;

д) дигар моддаҳо мувофиқи боби 1 балbackslashанси актив.

Захираҳо ва хароҷот: захираҳои истеҳсолӣ (ашьёи хом, масолех, сӯзишворӣ, чизҳои камарзиш ва зудфарсудашаванда, қисмҳои эҳтиётӣ, масолеҳи нимтайёри харидашаванда, маснуоти такмилӣ ва ғайра), истеҳсолоти нотамом, хароҷоти давраҳои оянда, маҳсулоти тайёр, молҳо бо нархҳои харидашаванда ва дигар арзишҳои моддӣ.
Маблағҳо, хисоббаробаркуниҳо ва дигар дороиҳо: маблағҳо дар касса, дар суратҳисобҳои бонкҳо, дигар маблағҳо, маблағгузориҳои кӯтоҳмуддат (ба мӯҳлати на зиёдтар аз як сол), арзиши молҳои фиристодашуда, корҳо ва хизматрасониҳо, қарзи дебиторӣ ва дигар маблағҳои ба он монанд, ки дар активи баланс инъикос меёбанд.

2. Муайян кардани нархи ибтидоии корхонаҳо ҳамчун объекти хусусигардонӣ

7. Нархи ибтидоии корхонаҳо ҳамчун комплекси амволӣ танҳо дар асоси маълумоти баланси корхона ва замимаи ҳатмии руйхати такмилдодашудаи воситаҳои асосӣ (биноҳо, иншоот, воситаҳои интиқол, дастгоҳ ва таҷҳизот, техникаи ҳисоббарор, воситаҳои нақлиёт) муайян карда мешавад. Баланси корхона, ки онро мақоми андоз тасдиқ кардааст ва рӯйхати такмилдодашудаи воситаҳои асосӣ дар рӯзи қабули қарор оид ба хусусигардонӣ аз тарафи корхонаҳо ба Маркази ҷумҳуриявии арзёбӣ ё дигар ташкилоти барои гузаронидани чунин корҳо лицензиядошта пешниҳод мегардад.

Нархи ибтидоии корхона (ПЦ пр) аз рӯи формулаи зерин муайян мегардад;

Пц пр = АПР - О пр, яъне

АПР (актив предприятия - Дороии корхона) - арзиши умумии дороиҳои корхона бо кам кардани фарсудагии воситаҳои асосӣ, (сатри 360 активи баланс), Опр (Обязательство предприятия - Ӯҳдадории корхона), ПЦ пр бояд аз сифр зиёд бошад.

Уҳдадории корхона аз воситаҳои вомбаргӣ ва кредитҳо, ҳисоббаробаркуниҳо ва пешпардохтҳои аз харидорон ва супоришдиҳандагон гирифташуда ва инчунин Фонди ҳавасмандсозии иқтисодӣ иборат аст.

Ӯҳдадории корхона дар асоси маълумоти фасли II "Пассивҳои дарозмуддат" ва фасли III "Суратҳисобҳо ва пассивҳои дигар"-и пассиви баланс бо роҳи ҷамъ намудани маълумот мувофиқи сатрҳои 500-620, 630-720-и баланс муайян мегардад:

моддаи "Кредитҳои дарозмуддати бонкҳо (суратҳисоби 92), моддаи "Вомбаргҳои дигари дарозмуддат" (суратҳисоби 95), моддаи "Кредитҳои кӯтоҳмуддати бонкҳо" (суратҳисоби 92), моддаи "Кредити бонкҳо барои

кормандон" (суратҳисоби 93), моддаи "Вомбаргҳои дигари кӯтоҳмуддат" (суратҳисоби 94), моддаи "Ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи вексельҳои додашуда (моддаи 60), моддаи "Маблағи ҷуброни аз буҷет доданашуда" (суратҳисоби 66), моддаи "Ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи музди меҳнат" (суратҳисоби 70), моддаи "Ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи суғуртаи иҷтимоӣ ва таъминот" (суратҳисоби 69), моддаи "Хисоббаробаркуниҳо бо кредиторҳо аз рӯи суғуртаи амволӣ ва шахсӣ" (суратҳисоби 65), моддаи '"Ҳисоббаробаркуниҳо бо корхонаҳои акрабоӣ" (суратҳисоби 78), моддаи "Ҳисоббаробаркуниҳо бо кредиторҳо аз рӯи пардохтҳои ғайрибуҷетӣ" (суратҳисоби 67), моддаи "Ҳисоббаробаркуниҳо бо буҷет" (суратҳисоби 68), моддаи "Ҳисоббаробаркуниҳо бо кредиторҳои дигар", моддаи "Пешпардохтҳои аз харидорон ва супоришдиҳандагон гирифташуда" (суратҳисоби 64) мутобиқи намунаҳои амалкунандаи баланс ва маълумоти Фонди ҳавасмандсозии иқтисоди.

Ғайр аз ин дар ӯҳдадориҳои корхонаҳо ӯҳдадориҳо оид ба иҷораи биноҳо, иншоот, таҷҳизот ва дигар объектҳои ба воситаҳои меҳнат дахлдошта ба ҳисоб гирифта мешаванд.

8. Нархи ниҳоии корхона ҳамчун объекти хусусигардони дар ҷараёни савдои музоядавию озмуни муқаррар мегардад ва метавонад аз нархи ибтидои зиёдтар ё камтар бошад.

3. Муайян кардани нархи ибтидоии бахш ва вохиди сохтории корхона хамчун объекти хусусигардони

9. Бахшҳои истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолии бахш ва воҳидҳои сохтории корхона ҳамчун маҷмуи амволи (минбаъд-воҳидҳои корхона) бояд то лаҳзаи хусусигардони дар асоси баланси тақсимот ҷудо карда шаванд.

10. Нархи ибтидоии воҳиди корхона дар асоси маълумоти баланси тақсимоти корхона бо замимаи ҳатмии рӯйхати такмилдодашудаи воситаҳои асосӣ (биноҳо, иншоот, воситаҳои интиқолӣ, дастгоҳҳо ва таҷҳизот, техникаи ҳисоббарор, воситаҳои нақлиёт) муайян карда мешавад. Баланси тақсимоти корхона, ки онро мақоми андоз тасдиқ кардааст ва рӯйхати такмилии воситаҳои асосӣ аз тарафи корхона дар рӯзи қабули қарори хусусигардонӣ ба Маркази ҷумҳуриявии арзьёбӣ ё ташкилоти барои иҷрои чунин корҳо лицензиядошта пешниҳод карда мешавад.

11. Нархи ибтидоии воҳиди корхона (Пцед) аз рӯи чунин формула муайян мегардад:

Пцед = Аед - Оед, яъне

Аед - арзиши умумии дороиҳои воҳиди корхона (сатри 360 активи баланси воҳиди корхона), ки аз он фарсудашавии воситаҳои асосӣ бароварда мешавад.

Оед - ӯҳдадориҳои воҳиди корхона.
Пцед - бояд аз сифр зиёд бошад.

Ӯҳдадориҳои воҳиди корхона маблағҳои вомбарг ва кредитҳо, ҳисоббаробаркуниҳо бо кредиторҳо ва пешпардохтҳои аз харидорону супоришдиҳандагон гирифташуда, инчунин Фонди ҳавасмандсозии иқтисодиро дар бар мегирад.

Ӯҳдадориҳои воҳиди корхона дар асоси маълумоти фасли II "Қарзҳои дарозмуддат" ва фасли Ш "Ҳисоббаробаркуниҳо ва пассивҳои дигар" бо

роҳи ҷамъ намудани маълумот мувофиқи сатрҳои 500-620, 630-720-и баланс муайян карда мешаванд.

моддаи "Кредитҳои дарозмуддати бонкҳо" (суратҳисоби 92), моддаи "Вомбаргҳои дигари дарозмуддат" (суратҳисоби 95), моддаи "Кредити кӯтоҳмуддати бонкҳо" (суратҳисоби 92), моддаи "Кредитҳои бонкҳо барои кормандон" (суратҳисоби 93), моддаи "Вомбаргҳои дигари кӯтоҳмуддат" (суратҳисоби 94), моддаи "Ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи вексельҳои доданашуда" (суратҳисоби 60), моддаи "Маблағи ҷуброни аз буҷет доданашуда" (суратҳисоби 66), моддаи "Ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи музди меҳнат" (суратҳисоби 70), моддаи "Ҳисоббаробаркунихо аз рӯи суғуртаи иҷтимоӣ ва таъминот" (суратҳисоби 69), моддаи "Ҳисоббаробаркуниҳо бо кредиторҳо аз рӯи суғуртаи амволӣ ва шахсӣ" (суратҳисоби 65), моддаи "Ҳисоббаробаркуниҳо бо корхонаҳои акрабоӣ" (суратҳисоби 78), моддаи "Ҳисоббаробаркуниҳо бо кредиторҳо аз рӯи пардохтҳои ғайрибуҷетӣ (суратҳисоби 67), моддаи "Ҳисоббаробаркуниҳо бо буҷет" (суратҳисоби 68), моддаи "Ҳисоббаробаркуниҳо бо кредиторҳои дигар", моддаи "Пешпардохтҳои аз харидорон ва супоришдиҳандагон гирифташуда" (суратҳисоби 64) мувофиқи намунаҳои амалкунандаи баланс ва дар асоси маълумоти Фонди ҳавасмандсозии иқтисодӣ.

12. Ҳангоми хусусигардонии воҳиди корхона ҳуқуқи истифодаи доимии қитъаи замин ё қисмати муайяни он, ҳуқуқи талабот, қарзҳо аз рӯи баланси тақсимот ба харидор мегузаранд. Ҳуқуқи комили ворис аз лаҳзаи имзои шартномаи хариду фурӯши маҷмӯи амволии корхона ба харидор мегузарад.

13. Нархи ниҳоии воҳиди корхона ҳамчун объекти хусусигардонӣ дар ҷараёни савдои музоядавию озмунӣ муқаррар мегардад ва метавонад аз нархи ибтидоӣ зиёдтар ё камтар бошад.

4. Муайян кардани нархи ибтидоии амволи корхона ҳамчун объекти хусусигардонӣ

14. Ба таркиби амволи корхона воситаҳои асосӣ (фондҳо), аз ҷумла биноҳо, таҷҳизот, асбоб, воситаҳои нақлиёт, ашьё, маҳсулот ва дигар дороиҳои корхона дохил мешаванд.

15. Муайян кардани нархи ибтидоии амволи корхона (минбаъд - амвол) аз рӯи арзиши бокимонда бо роҳи кам кардани арзиши баланси барқарорсозӣ ба андозаи фарсудагие, ки мувофиқи маълумоти ҳисоби бухгалтерӣ дар лаҳзаи арзьёби муайян карда шудааст, бо дарназардошти андозаи кӯҳнагии воситаҳо ва мӯҳлати истифодаи онҳо, ки мувофиқи афзоиши арзиши фондҳои асосӣ тағьир ёфтааст, сурат мегирад.

Арзиши балансии (барқарорсозии) воситаҳои асосӣ мувофиқи маълумоти ҳисоби бухгалтерӣ (варақаҳои инвентарӣ ба суратҳисоби 01 - "Воситаҳои асосӣ") бо дарназардошти натиҷаҳои мавҷудии (инвентаризация) моликият муайян карда мешавад.

Таъини арзиши ашьёи камарзиш ва зуд фарсудашаванда бо роҳи кам кардани арзиши балансии (барқарорсозии) онҳо ба андозаи кӯҳнагии ҳисобшуда муайян мегардад.

Ба объектҳои сохтмони нотамом ва таҷҳизоти насбнашуда баъди мавҷудии (инвентаризация) онҳо аз рӯи арзиши балансӣ (бе истифодаи коэффициенти ҳисоби арзиши балансӣ барои барқарорсозӣ) нарх гузошта мешавад.

Нархи захираҳо ва хароҷот бо дарназардошти мавҷудияти воқеии онҳо дар рӯзи нархгузорӣ мувофиқи арзиши баланси муайян карда мешавад.

16. Таъини арзиши воситаҳои наклиётии 100% фарсудашуда ба 25% арзиши балансӣ (барқарорсозӣ) баробар карда мешавад.

Ҳамаи воситаҳои асосии боқимондаи дигар бо фарсудашавии 100% ба 10% арзиши баланси барқарорсозӣ арзьёбӣ карда мешаванд.

Нархи ибтидоии навъҳои алоҳидаи воситаҳои асосӣ ва биноҳои ғайриистиқоматӣ ҳамчун нархи ибтидоии амвол муайян карда мешавад. Нархи ниҳоии онҳо дар ҷараёни савдои музоядавию озмунӣ маълум мегардад.

5. Ба расмият даровардани натичаҳои арзьёбии объектҳои хусусигардонӣ

17. Нархи ибтидоии объекти хусусигардонӣ аз тарафи Кумитаи давлатии идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон - дар қисмати амволи давлатӣ ва Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ якҷоя бо мақомоти минтақавии идораи амволи давлатӣ - дар қисмати моликияти коммуналӣ тасдиқ карда мешавад. Нархи ибтидоии объекте, ки мувофиқи лоиҳаи инфиродӣ хусусӣ гардонда мешавад, аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

18. Аз рӯзи тасдиқи арзьёбии объекти хусусигардонӣ то рӯзи ба имзо расидани акти хариду фурӯш воситаҳои асосии объекти хусусигардонӣ наметавонанд ба таври дигар ба ашхоси воқеӣ ва ҳуқуқии дигар фурӯхта шаванд.

19. Маъмурияти объекти хусусигардонӣ барои иҷрои талаботи ин Дастуруламал масъулият дорад.

## III. АРЗЬЁБИИ МАҶМӮИ САҲМИЯҲОИ ДАВЛАТӢ ДАР ФОНДИ ОИННОМАВИИ ҶАМЪИЯТҲОИ САҲОМӢ ҲАНГОМИ ФУРӮШИ ОНҲО ДАР МУЗОЯДАҲО

20. Дастуруламали мазкур тартиби муайян кардани нархи ибтидоии маҷмӯи саҳмияҳои давлатиро ҳангоми фурӯши онҳо дар музоядаҳо, аз ҷумла ба ивази чекҳои хусусигардонӣ муайян менамояд.

21. Нархи ибтидоии мачмӯи саҳмияҳои давлатӣ мутлакан дар асоси маълумоти баланси бухгалтерӣ дар санаи охирини ҳисоботи пеш аз қабули қарор дар хусуси ба савдо гузоштани маҷмуи сахмияҳо бо замимаи ҳатмии рӯйхати такмилдодашудаи воситаҳои асосӣ (биноҳо, иншоот, воситаҳои интиқолӣ, дастгоҳҳо ва таҷҳизот, техникаи ҳисоббарор, воситаҳои нақлиёт) муайян карда мешавад. Баланси корхона, ки аз тарафи мақоми андоз тасдиқ гаштааст ва рӯйхати такмилдодашудаи воситаҳои асосӣ аз тарафи корхона дар рӯзи қабули қарор оид ба хусусигардонӣ ба Маркази ҷумҳуриявии арзьёбӣ ё дигар ташкилоти барои иҷрои чунин корҳо лицензиядошта пешниҳод мегардад.

### МУАЙЯН КАРДАНИ АРЗИШИ МАҶМӮИ САҲМИЯҲО

22. Арзиши умумии саҳмияҳои ҷамъияти саҳомӣ аз рӯи формулаи зерин муайян карда мешавад:

РСА = А - РП - СС, яъне:

РСА - арзиши ҳисобии саҳмия,
А - дороии ҷамъияти саҳомӣ,
РП - ҳисоббаробаркуниҳо ва пассивҳои дигар.
СС - арзиши объектҳои соҳаи иҷтимоӣ
РСА бояд аз сифр зиёд бошад.
Дар ин маврид:

А - арзиши умумии дороиҳои ҷамъияти саҳомӣ - мувофиқи асъори баланс (сатри 360-и дороии баланс ё сатри 780-и баланс) ва аз он кам кардани фарсудагии воситаҳои асоси муайян карда мешавад.

РП - ҳисоббаробаркуниҳо ва дигар қарзҳо - дар асоси фасли II "Пассивҳои дарозмуддат" ва фасли III "Ҳисоббаробаркуниҳо ва қарзҳои дигар"-и пассиви баланс бо роҳи ҷамъ намудани маълумот мувофиқи сатрҳои 420, 450, 500-620, 630-760-и баланс муайян карда мешавад:

моддаи "Кредитҳои дарозмуддати бонкҳо" (суратҳисоби 92), моддаи "Вомбаргҳои дигари дарозмуддат" (суратҳисоби 95), моддаи "Кредитҳои кӯтоҳмуддати бонкҳо" (суратҳисоби 92), моддаи "Кредити бонкҳо барои кормандон" (суратҳисоби 93), моддаи "Вомбаргҳои дигари кӯтоҳмуддат" (суратҳисоби 94), моддаи "Ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи вексельҳои додашуда" (суратҳисоби 60), моддаи "Маблағи чуброни аз буҷет доданашуда" (суратҳисоби 66), моддаи "Ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи музди меҳнат" (суратҳисоби 70), моддаи "Ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи суғуртаи иҷтимоӣ ва таъминот" (суратҳисоби 69), моддаи "Ҳисоббаробаркуниҳо бо кредиторҳо аз рӯи пардохтҳои ғайрибуҷетӣ" (суратҳисоби 67), моддаи "Ҳисоббаробаркуниҳо бо корхонаҳои акрабоӣ" (суратҳисоби 78), моддаи "Ҳисоббаробаркуниҳо бо кредиторҳо аз рӯи суғуртаи амволӣ ва шахсӣ" (суратҳисоби 65), моддаи "Ҳисоббаробаркуниҳо бо буҷет" (суратҳисоби 68), моддаи "Ҳисоббаробаркуниҳо бо кредиторҳои дигар", моддаи "Пешпардохтҳои аз харидорон ва супоришдиҳандагон гирифташуда" (суратҳисоби 64), моддаи "Ҳисоббаробаркуниҳо бо муассисон" (суратҳисоби 75), моддаи "Даромадҳои давраҳои оянда" (суратҳисоби 83), моддаи "Фондҳои таъиноти махсус" (суратҳисоби 88), моддаи "Захираҳои хароҷот ва пардохтҳои пешоянда" (суратҳисоби 89), моддаи "Захираҳо барои қарзҳои шубҳанок" (суратҳисоби 82), моддаи "Қарзҳои дигари кӯтоҳмуддат" мутобиқи намунаи амалкунандаи баланс.

Ба РП метавонанд воситаҳои барои татбиқи чорабиниҳои таъиноти мақсаднок (моддаи "Маблағгузориҳо ва воридоти мақсаднок" (суратҳисоби 96), сатри 430-и пассиви баланс), танҳо дар сурате, ки дар шартномаи маблағгузорӣ дар муддати на камтар аз як сол баргардондани воситаҳо пешбинӣ шуда бошад, мансуб бошанд.

СС - арзиши объектҳои соҳаи иҷтимоии дар баланси АО мавҷуда, аммо ба фонди оинномавӣ дохилнашуда аст. Дар ҳолате ки агар объектҳои соҳаи иҷтимоӣ ба фонди оинномавӣ дохил шуда бошанд, арзиши онҳо аз арзиши дороиҳои АО кам карда намешавад. Баҳисобгирии объектҳои соҳаи иҷтимоиёт аз рӯи арзиши боқимонда бо дарназардошти нархгузории нав сурат мегирад.

Муайян кардани арзиши як саҳмия

23. Барои муайян кардани арзиши як саҳмия бузургии аз формулаи муайян намудани арзиши ҳисоби саҳмия ҳосилшударо (РСА) ба миқдори

умумии саҳмияҳои баровардашуда тақсим кардан лозим аст  (зимнан  ҳамаи саҳмияҳо бояд арзиши якхелаи номиналӣ дошта бошанд).